3487 - Таҳорат (вузӯ ё ғусл) бо оби Замзам

савол

Таҳорат бо оби Замзам чӣ ҳукм дорад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар назди мо, таҳорат бо оби Замзам макруҳ нест. Тамоми донишмандон дар ҳамин назаранд, ба ҷуз Аҳмад дар ривояте. Далели мо (далели он) ин аст, ки ягон наҳйе дар ин бора собит нашудааст. Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки ӯ мефармояд: **«Об поккунанда аст ва ҳеҷ чиз онро наҷас (палиду нопок) намекунад».**

Аммо дар мавриди манъ будани ғусл кардан бо оби Замзам, ки аз Аббос ривоят шудааст, он ривоят аз ӯ собит нашудааст.